**Ба шурои диссертатсионии 6D.KOA-019-и**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Иноятзода Афрӯза Ислом дар мавзуи «Баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ дар ғоибии судшаванда: масъалаҳои назария, танзими ҳуқуқӣ ва амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.09 – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ.**

Рушди низоми ҳуқуқи миллӣ мутобиқ ба санадҳои байналмилалӣ, ҷараён ва натиҷаҳои ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон аз он шаҳодат медиҳанд, ки риоя, ҳимоя ва таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд вазифаи афзалиятманд буда, ба таҳкими ҳамаҷонибаи қонунияту адолат мусоидат менамояд. Лекин, зарурати такмил додани меъёрҳои ҳуқуқӣ ва танзими ҳуқуқии муносибатҳои мурофиавӣ, пеш аз ҳама, дар соҳаи ҳимояи манфиатҳои айбдоршаванда ва судшаванда ҳангоми баррасии судии масъалаҳои мурофиавӣ бо иштироки онҳо аз байн нарафтааст, ки масоили мазкур таҳқиқотро бо дарназардошти амалишавии сиёсати ҳуқуқӣ мубрам медонад.

Маҷмуи масоили зикр гардида ва ҷамъи масоили алоқаманд ба он зарурати таҳқиқоти назариявии илмиро ба миён овардаанд, ки ба интихоб гардидани мавзуи баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ дар ғоибии судшаванда: масъалаҳои назария, танзими ҳуқуқӣ ва амалия замина гузоштааст.

Муаллиф қайд менамояд, ки ҳалли дурусти масъалаҳои мурофиавӣ дар доираи парвандаи ҷиноятӣ бояд дар асоси принсипи

мубоҳиса бо иштироки фаъоли тарафҳо амалӣ шавад. Дар асоси ин муқаррарот ва талабот, ки тибқи онҳо масъалаҳои мурофиавӣ танҳо дар ҳолатҳои истисноӣ бе иштироки айбдоршаванда ва судшаванда баррасӣ мешаванд. Муаллиф ҳолатҳои истисноии бе иштироки судшаванда мавриди баррасӣ қарор гирифтани парвандаро таҳлил намуда асос, шарт ва тартиби баррасии парвандаҳоро бе иштироки судшаванда пешбарӣ менамояд. Ҳамзамон, дар таҳқиқоти илмӣ муаллиф ба баъзе аз ихтилофҳои меъёрӣ ҳуқуқӣ, духура ифода шудани мафҳумҳо диққат дода, хулосаҳои илман асоснок баҳри такмили қонунгузорӣ, бартараф гардидани ихтилофҳои ҷойдоштаро пешниҳод ва асоснок менамояд.

Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба таври возеҳ ва аз нигоҳи мантиқӣ дуруст иҷро гардидаанд, ки ба масоили мубрами назария ва амалияи таъмини иштироки айбдоршаванда ва судшаванда дар марҳилаҳои гуногуни мурофиаи ҷиноятӣ ва амалишавии кафолатҳои мурофиавӣ, ки қонун пешбинӣ кардааст, махсусан дар ҳолати баргузории муҳокимаи судӣ бе иштироки судшаванда вобаста мешавад.

Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аввалин маротиба таҳлили илмии масъалаҳои ҳуқуқӣ ва амалӣ вобаста ба муҳокимаи судӣ дар ғоибии айбдоршаванда дар марҳилаҳои тосудӣ ва дар ғоибии судшаванда дар муҳокимаи судӣ баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятӣ дар доираи меъёрҳои КМҶ ҶТ гузаронида шудааст. Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳод намудаи муаллиф бешубҳа ба сифати навгониҳои илмӣ баромад менамоянд.

Қайд намудан зарур аст, ки рисолаи илмии мазкур барои таҳқиқоти манбаъда ва такмили танзими ҳуқуқӣ дар ин соҳа манбаи арзишманд боқӣ мегузорад.

Дар баробари ишора гардидани нуктаҳои асосӣ ва ҷанбаҳои мусбати автореферат ба диссертатсия, инчунин нуқтае низ ҷой дорад, ки аз нигоҳи мо баҳснок ифода мегардад. Ба андешаи муаллиф, масъалаҳои вайрон кардани қонуни мурофиавии ҷиноятӣ, ки барои таъин намудани маҷлиси суд монеа шуда метавонад, тағйир додани чораи пешгирии қаблан татбиқшуда бе иштироки айбдоршаванда ва ё судшаванда мавзуи баррасии судӣ қарор дода мешавад. Яъне, дар сатҳи расмӣ муқаррар шудааст, ки айбдоршаванда ва ё судшаванда на ҳамеша аз имкониятҳои ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои худ аз маҳдудкунии беасос ва ё санад ё амалии (беамалӣ) ғайриқонунӣ метавонанд истифода кунанд. Муҳим аст, ки дар муҳокимаи ошкорои ин масъалаҳо хулосаи муаллиф оиди таъмини иштироки айбдоршаванда ё судшаванда дар баррасии судии масъалаҳое, ки бо маҳдудшавии ҳуқуқу озодиҳо ӯ алоқаманд аст, асоснок карда шавад.

Бо вуҷуди ин, эроди мазкур ба мазмун ва муҳтавои автореферати диссертатсия ҳеҷ таъсири манфие нарасонида, камбудии мазкур ҷузъӣ ба шумор меравад

Автореферати диссертатсияи Иноятзода Афрӯза Ислом мазмун ва муҳтавои дирсертатсияро таҷассум намуда, масъалаҳои баррасишаванда дар доираи он аз нигоҳи илмӣ ба таври зарурӣ асоснок гардидаанд. Аз ин рӯ, рисолаи мазкур, дастовардҳои баланди илмӣ ва амалиро нишон дода, сазовори баҳои мусбат аст.

Таҳқиқоти диссертатсионии Иноятзода Афрӯза Ислом дар мавзуи «Баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ дар ғоибии судшаванда: масъалаҳои назария, танзими ҳуқуқӣ ва амалия» ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин ба талаботи бандҳои 31-35, 71-72-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру

иловаҳо аз 26 июли соли 2023, таҳти №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз руйи ихтисоси 12.00.09 - Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ мебошад.

Муқарриз:
сармутахассиси шуъбаи ҳуқуқи дастгоҳи
Раиси шаҳри Душанбе,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Давлатзода К.Д.

Имзои Давлатзода К.Д.-ро тасдиқ мекунам:
Мудири шуъбаи кадрҳои дастгоҳи
Раиси шаҳри Душанбе Сайдуллозода Ф. Ф.
«01» ____04____ 2025

Суроғаи муқарриз: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 40. Тел.:
+992 (37) 223-06-10; (+992) 93-823-18-23
E.mail: komron231823@gmail.com; e-mail:dushanbe80@yahoo.com